# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.KOA-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ)

1. Таҳаввулоти густурдаи ҷомеаи иттилоотии муосир, ки хоси он рушди арзишҳои гуманистӣ ва эҷоди фазои маърифатӣ мебошад, зарурати бознигарӣ ва таҳкими омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷикро ба миён мегузорад. Дар ин раванд, таърихи миллӣ на танҳо ҳамчун маҷмуи рӯйдодҳои гузашта, балки манбаи худшиносӣ, тавонбахшии иҷтимоӣ ва таҳкими ҷаҳонбинии танқидӣ нақши калидӣ мебозад. Омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик ба ташаккули шахсиятҳое мусоидат менамояд, ки дорои тафаккури танқидӣ, қобилияти таҳлили воқеӣ ва ҷаҳонбинии фарогир мебошанд, ки ин омилҳо барои ҳалли масъалаҳои мураккаби иҷтимоӣ ва маърифатӣ аҳамияти ҳалкунанда доранд.

Ислоҳоти босуръат ҷараёнгирандаи низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар заминаи Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2030, гузариши таълим ба равиши муносибати босалоҳият, таҳкими ҳувияти миллӣ ва баланд бардоштани сифати тафаккури маърифатии хонандагон равона шудааст, зарурати омӯзиши илмӣ ва таҳқиқотии фанни «Таърихи халқи тоҷик»-ро ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати илмӣ-педагогии кишвар табдил додааст. Маҳз дар ҳамин замина маҳорати тадқиқотии Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло, ки масъалаи стратегӣ — ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ бо рӯшанбинӣ таҳқиқ намудааст, саривақтӣ, муҳим ва дорои арзиши баланди назариявию амалӣ арзёбӣ мегардад.

Мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисоси 13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълиму тарбия ва назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки аз рӯйи он ба шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқат мекунад.

2. Мувофиқати мавзуъ ба ихтисос. Мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда пурра ба ихтисоси эълоншуда мувофиқ мебошад. Тадқиқоти мазкур ба масъалаи назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ дар таҳсилоти миёнаи умумӣ дахл дошта, ҳалли яке аз мушкилоти мубрами соҳаи маориф –

ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои болоиро дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик ба мақсад дорад.

Муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда - 13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ, аз он ҷумла: ба банди 1 – «Методологияи *таълими фанҳои ҷомеашиносӣ* » (таърихи ташаккул ва рушди назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ тибқи соҳаҳои дониш ва дараҷаҳои таҳсилот, рушди методҳои таҳқиқоти педагогӣ бо дарназардошти вижагиҳои фанҳои ҷомеашиносӣ ва дараҷаҳои таҳсилот), ба банди 2 – « ***Назария ва методикаи тарбияи хонандагон дар раванди таълими фанҳои ҷамъитӣ***» (таҳқиқоти қонуниятҳои тарбияи хонандагон, равандҳои навоварона дар тарбияи насли наврас, асосноккунӣ ва коркарди муҳтавои тарбия, барномаҳои ташкили раванди тарбия дар таълими фанҳои ҷамъиятии муассисаҳои тахсилоти навъҳои гуногун, фаъолияти ташкилоти ҷамъиятии бачагон ва наврасон, худидоракунии хонандагон) ва ба банди 3 - «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои/шароитҳои/рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;) мувофиқ буда, ба самти афзалиятноки илм педагогика дар ҷумҳурӣ – ҳамгиройии арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих ба мазмуни таҳсилот - мутобиқат дорад.

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода намуда, дар 8 номгуйи мақолаҳои илмӣ, ки 6 номгӯи он дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи фехрести тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 номгӯи мақолаҳо дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидааст мукаммал инъикос ёфтаанд.

4. Нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия мутобиқ ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) иҷро шудааст.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тавассути интихоб ва татбиқи дурусти усулҳои назариявӣ ва эмпирикӣ, мувофиқати онҳо ба ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот, риояи принсипҳои пайдарҳамӣ ва мантиқии таҳқиқ, ҳамзамон бо такя ба таҷрибаи воқеии раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таъмин гардидааст. Натиҷаҳои бадастомада дар ҷараёни озмоишҳои педагогӣ санҷида шуда, бо маълумоти муқоисавии пеш аз озмоиш ва баъд аз он муқоиса гардидаанд. Хулосаҳо ва далелҳои пешниҳодшуда бо таҳлили мундариҷаи таҷрибаи амалии омӯзгорон ва мушоҳидаҳои мустақим тасдиқ ёфта, ба меъёрҳои илмии эътирофшуда мутобиқ мебошанд. Раванди тадқиқот аз ҷиҳати методологӣ асоснок буда, устувории натиҷаҳо тавассути такроршавии онҳо дар марҳилаҳои гуногуни таҳқиқот таъмин гардидааст.

6. Диссертатсияи Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) ба шурои диссертатсионӣ қабул карда шавад.

7. Ба сифати муқарризони расмӣ Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», Назарзода Рустам Саидмурод – номзади илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи барномасозӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» пешниҳод карда шаванд.

8. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Барои нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**КАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- **Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»;
- **Назарзода Рустам Саидмурод** – номзади илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи барномасозӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссератсия дар сомонаҳои Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол кардани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ Лутфуллозода М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ Иззатова М.И.

доктори илмҳои педагогӣ Давлатшоев И.

«25» ноябри соли 2025.

*"Имзои М. Лутфуллозода, М. Иззатова ва И. Давлатшоевро тасдиқ мекунам"*

*Нозири кадр ва коргузории Академияи таҳсилоти Тоҷикистон* *М. Саидова*